Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

аз 18-уми декабри соли 2020

Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд - ДМТ) Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад соли 2008 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм кардааст.

Ҳоло саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии ӯ аввал дар ҷаласаи кафедра ва баъд аз он дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ аз 13-уми майи соли 2016 (суратмаҷлиси № 11) тасдиқ шудааст.

Маълумотнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Раёсати донишгоҳ 17-уми декабри соли 2020, таҳти №4136 дода шудааст.

Оид ба мубрам будани мавзӯи интихобнамудаи унвонҷӯ чунин иброз намудан зарур аст, ки ҳангоми гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозоргонӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои шартномавӣ аҳамияти хоса пайдо намуд, зеро маҳз шартнома воситаи асосии

таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба иқтисодиёт мебошад. Чун қоида шартнома муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадориро ба вуҷуд меорад. Аммо на ҳамаи шартномаҳо ба ин қолаб мувофиқат мекунанд. Яке аз чунин шартномаҳо аз замони ҳуқуқи римӣ маълум аст, ки шартномаи фаъолияти якҷоя ё шартномаи ширкати оддӣ мебошад. Ин шартнома аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки он як воҳиди махсуси бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ - ширкати оддиро ташкил медиҳад.

Институти ширкати оддӣ дар баъзе мавридҳо универсалӣ аст, чунки ҳам ба шаҳрвандон ва ҳам ба шахсони ҳуқуқӣ барои ҳалли вазифаҳои кӯтоҳмуддат, якдафъаина ва дарозмуддат ҷиҳати муттаҳид шудан мусоидат менамояд. Вақтҳои охир консорсиумҳо низ ҳамчун иттиҳоди муваққатии ихтиёрии шахсони ҳуқуқӣ васеъ паҳн гардида истодааст. Аммо дар асоси Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ин намуди иттиҳоди соҳибкорӣ ба танзим даровარда нашудааст.

Инчунин ба андешаи унвонҷӯ роҳ додани шарикон ба хатогиҳои зиёд ва ногузир дар баҳисобгирии фаъолияти якҷоя дар мавриди риояи муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи баҳисобгирӣ; аксар вақт маҳдуд баррасӣ намудани мавзӯи шартнома ва дар асоси он ба роҳ мондани иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, расонидани кӯмаки беподош ё ҷуброн, таъминоти мол ё маҳсулот; таснифоти шартномаи ширкати оддӣ; муносибати иштирокчиёни пешбарандаи корҳои якҷоя бо шарикони дигар; тақсимоти амволи умумии шарикон пас аз қатъи шартнома; таносуби шартномаи ширкати оддӣ бо дигар шартномаҳои монанд, ки он барои мақсадҳои андозбандӣ махсусан муҳим аст: шартномаи ҳамкорӣ, шартномаи маблағгузории муштарак, шартномаи таъсисӣ; тартиби бекор кардани шартномаи шарикии оддӣ мушкилоте мебошанд, ки зарурати таҳқиқи илмии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ)-ро дар сатҳи диссертатсионӣ тақозо менамоянд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия вобаста ба мақсаду вазифаҳои пешбинишуда дуруст таҳия шудааст. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 166 саҳифаро дар бар мегирад.

Таҳлили адабиёти сивилистӣ марбут ба шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ, ки унвонҷӯ анҷом додааст, нишон медиҳад, ки ба ин масъалаи муҳим муҳаққиқони Тоҷикистон ва дигар давлатҳо дар таҳқиқотҳои хеш таваҷҷуҳ кардаанд. Ҳамзамон унвонҷӯ мавқеи худро оид ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ муайян намуда, паҳлуҳои норавшани онро мустақилона кушода, ибрози назар намудааст.

Чи тавре унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, шартномаи фаъолияти якҷоя яке аз шартномаҳои маъмултарин, вале ҳамзамон яке аз шартномаҳои аз ҷиҳати қонунӣ мураккаб мебошад. Бо вуҷуди ба назар расидани пурра танзимшаванда будани институти ширкати оддӣ, меъёрҳои қонунгузории амалкунанда на ҳамеша ба мо имкон медиҳанд, ки мушкилоти мубрами амалиро, ки дар ҷараёни фаъолияти якҷояи шарикон ба миён меоянд, ҳал намоем. Ҳалли ин масъалаҳо яке аз вазифаҳои муҳими таҳқиқоти мазкур мебошад, ки онҳоро унвонҷӯ бо усули хоси таҳқиқоти илмӣ ҳал намудааст.

Навгонии хулосаву пешниҳодоти унвонҷӯ боэътимод буда, барои такмили институти фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ) мусоидат мекунад.

Пешниҳодоти унвонҷӯ оиди дар таҳрири нав муқаррар намудани моддаи 1058 КГ ҶТ, инчунин ба КГ ҶТ илова намудани моддаҳои 1067 (1), 1069 (1) ва 1069 (2) саривақтӣ ва мубрам баҳисоб мераванд.

Диссертатсия метавонад ба ҳайси асоси илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт, барои тадриси курсҳои омӯзишии «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», инчунин курсҳо ва семинарҳои

ихтисосӣ дар факултаҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодоти муаллиф дар ҳаҷми умумии 3,57 ҷузъи чопӣ дар 13 мақола инъикос ёфтаанд, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (1,22 ҷ.ч.) нашр гардидаанд.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот инчунин дар маърӯзаҳои унвонҷӯ дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ, васоити ахбори омма ва интишороти илмӣ инъикос ёфтаанд.

Дар раванди таҳқиқот диссертант ба таври комплексӣ проблемаҳои шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкориро ба таҳлил гирифта, аҳамияти онҳоро асоснок намуда, мафҳумҳои асосии мавзӯи диссертатсияро шарҳу тафсир карда, дастовардҳо ва норасоиҳои татбиқи меъёрҳои дахлдорро ошкор кардааст ва ҷиҳати такмили институти фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ) пешниҳодҳо манзур намудааст.

Ҳангоми таҳқиқоти диссертатсионӣ теъдоди зиёди адабиётҳои илмӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва маводҳои амалияи судии Тоҷикистон бо ишора аз манбаи истифодашуда, таҳлил шудаанд, ки аз қобилияти таҳлилгар будани Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад гувоҳӣ медиҳад.

Феҳристи адабиёти (маъхазҳои) истифодашуда ва феҳристи интишороти унвонҷӯ боэътимод буда, дуруст таҳия шудааст.

Матни диссертатсия пурра ба талаботҳои Дастурамал оид ба расмият даровардани диссертатсия, ки бо Қарори Президиуми Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми июни соли 2017, таҳти № 3/1 тасдиқ шудааст, ба талаботҳои бандҳои 10-16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Бинобар ин, диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА - 002-и назди ДМТ тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:** мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сангинов Дониёр Шомаҳмадович

Суроға: н. Варзоб, деҳаи Ғажне, хонаи №30. Тел: 550355005. E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

Имзои Сангинов Дониёр Шомаҳмадовичро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.